**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025. – 40 саҳ.).**

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 оғози марҳилаи нави танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро фароҳам овард. Дар он заминаи ҳуқуқӣ барои эътироф ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба меҳнат, гузошта шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои асосии соҳаи меҳнат, аз ҷумла озодии интихоби фаъолияти меҳнатӣ, манъи меҳнати иҷборӣ ва вазифаи давлат оид ба муҳайё сохтани шароити муносиби меҳнатро муқаррар ва тақвият мебахшад.

Ҳамзамон, дар сатҳи байналмилалӣ низ масъалаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳифзи он аз мавқеи хоса бархурдор аст. Силсилаи васеи санадҳои байналмилалии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнатӣ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори Созмони Милали Муттаҳид, бахусус Созмони Байналмилалии Меҳнат, қабул шудаанд, маҷмуи стандартҳои байналмилалии меҳнатро ташкил медиҳанд. Ин муқаррарот дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Конститутсия ва санадҳои соҳавии меҳнатӣ низ ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.

Бо вуҷуди ин, дар низоми муносибатҳои меҳнатии кишвар ҳанӯз ҳам як қатор мушкилот ҷой доранд. Аз ҷумла, таъмини воқеии озодии меҳнат, пешгирии меҳнати маҷбурӣ ва табъиз дар соҳаи меҳнат, инчунин амалисозии пурраи ҷанбаҳои алоҳидаи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар бахши меҳнат, ки дар доираи консепсияи умумии ҳуқуқ ба меҳнат муттаҳид шудаанд, ба таҳқиқ ва такмили минбаъдаи ҳуқуқӣ ниёз доранд.

Пажуҳишгари рисолаи илмӣ масъалаҳои мубрами назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии мавзуи мавриди матраҳро баррасӣ намуда, мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ ба тарзи зайл баён намудааст: ин ҳуқуқест, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро бахри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатхои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, диссертант қайд менамояд, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, вобаста ба хусусияти амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнат ду гурӯҳи ваколатҳо вуҷуд доранд: а) ҳуқуқ - ваколатҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъекти ҳуқуқ ба меҳнат муайян карда мешавад, аз ҷумла, ҳуқуқи ихтиёрдории озодона ба қобилиятҳои худ дар меҳнат, интихоби фаъолият ва касб, ҳуқуқ оид ба баҳсҳои меҳнатии инфиродӣ ва коллективӣ, ба монанди ҳуқуқ ба корпартоӣ; б) ҳуқуқ - даъвоҳое, ки татбиқи онҳо бо ифодаи иродаи субъектҳои дигари ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар шахс ба меҳнат дар шароите, ки ба талаботи бехатарӣ ва санитарӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ ба музди меҳнати баробар барои кори якхела, ҳуқуқ ба ҳимоя аз бекорӣ, ҳуқуқи ҳар кас ба истироҳат (саҳ. 10).

Муаллифи рисолаи илмӣ дуруст қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар қонунгузории соҳавии меҳнатӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки онро аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ мекунонад. Вобаста ба он ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат доираи васеи муносибатҳоро фаро мегирад, танзими онҳо дар доираи маҳдуди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст (саҳ. 11).

Ба андешаи муаллиф, таҳти кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат воситаҳо, усулҳо ва шароитҳое, ки дар қонунгузории меҳнат муқаррар шудаанд, фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо татбиқи ҳуқуқҳои ба корманд дар соҳаи меҳнат додашуда бевосита таъмин карда мешаванд. Кафолатҳои таъмин ва амалӣ намудани ҳуқуқи шахс ба меҳнатро муаллиф ба се гурӯҳ тақсим кардааст: 1) кафолатҳое, ки пеш аз муносибатҳои меҳнатӣ амалӣ мешаванд; 2)

кафолатҳое, ки дар раванди фаъолияти меҳнатӣ татбиқ карда мешаванд; 3) кафолатҳое, ки барқароркунии ҳуқуқҳои вайроншудаи меҳнатиро таъмин мекунанд (саҳ. 12)

Қобили зикр аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, таҷдиди қонунгузории ҷорӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар таҳқиқоти илмии унвонҷӯ, бархе масъалаҳои баҳснок низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар рисола ва автореферат паҳлуҳои таърихии ташаккул ва танзими конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат мавриди таҳлили муфассал қарор мегирифтанд ва бо вазъи муосири он муқоиса мешуданд. Ҳамзамон, арзишманд мебуд, агар муаллиф таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии механизми танзими ҳуқуқ ба меҳнатро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ низ анҷом медод, ки ин ба густариши доираи таҳқиқот ва амиқтар гардидани хулосаҳо мусоидат менамуд.

Эродҳо тавсиявӣ буда, ба сифати илмӣ ва сатҳи таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, ин эродҳо мавқеъ ва диди таҳлилӣ-танқидии муҳаққиқро дар ҷараёни баррасии масъалаҳо дар муҳити мушаххаси илмӣ инъикос менамоянд ва метавонанд ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои ҷиддияти муносибат ба мавзуъ арзёбӣ шаванд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи

«Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори илмии пурра анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрии
Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии
такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ
ва хизматрасонӣ"-и Муассисаи давлатии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Камолзода Ш.Ҷ.

Суроғаи мукарриз: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
3 гузаргоҳи Н.Қарабоев, хонаи 14-4.
E.mail: sharifovshuhrat1988@mail.ru
Тел.: (+992) 907 99 22 22

Имзои Камолзода Ш.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Муовини директор оид ба корҳои таълимии
Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии
такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ
ва хизматрасонӣ"-и Муассисаи давлатии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Каримов Д.М.
«12» 08 соли 2025

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5,
E.mail: info@iutet.tj. www: www.iutet.tj
Тел: корӣ (992 37) 234 88 24